# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-063 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН
**аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа**

Парвандаи аттестатсионии №___

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 09.04.2026, №14
Барои сазовор донистани Давлаталии Абдусаломзода, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори фалсафа

Диссертатсия дар мавзӯи “Хусусиятҳои ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳо (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) пешниҳод гардидааст, аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5), ки дар асоси фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 таҳти №488/шд таъсис ёфтааст, ба ҳимоя қабул карда шуд (№16 аз 21.12.2024).

Довталаби дараҷаи илмӣ – Давлаталии Абдусаломзода, соли 1994 таваллуд шудааст.

Соли 2016 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакиро аз рӯи ихтисоси “Иқтисодиёт ва идора дар корхона” хатм намуда, соҳиби дараҷаи бакалаври иқтисодиёт гардидааст. Соли 2018 ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи номбурда аз рӯйи ихтисоси “Иқтисодиёт ва идора дар корхона” дохил шуда, соли 2020 онро хатм кардааст.

Номбурда аз соли 2020 то 2023 дар докторантураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ ба ҳайси докторант, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг таҳсил намудааст.

Фаъолияти илмӣ-педагогии худро аз 1 феврали соли 2020 ҳамчун ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оғоз намуда, аз соли 2024 то инҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи мазкур фаъолият намуда истодааст. Оиладор, соҳиби 3 фарзанд.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти рақамӣ ва идоракунии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Навруз Носирӣ – н.и.и., и.в. дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

- Аминов Иномҷон – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

- Абдураҳмон Ҳакимзода – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** - Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи маркетинг, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз, асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Хулосаи мусбати додашудаи муассисаи пешбар аз тарафи коршинос, Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг, мудири кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академия таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 12.03.2026, суратҷаласаи №12) баррасӣ гардидааст ва аз тарафи ректори Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон н.и.п., дотсент Сафарзода Д.Ҷ. тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзӯи “Хусусиятҳои ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳо (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраршудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методӣ омода гардидааст, дар он масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Давлаталии Абдусаломзода сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзӯи диссертатсия 16 интишори илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

1. Абдусаломзода, Д. Нақши корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон дар рушди саноатикунонии мамлакат [Матн] / Д.Абдусаломзода // Паёми Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. - № 9. – С. 126-131

2. Абдусаломзода, Д. Асосҳои идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон [Матн] / Д.Абдусаломзода // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – № 1(60). – С. 100-105

3. Абдусаломзода, Д. Ҷанбаҳои иқтисодии таҳаввули маркетинг [Матн] / Д. Абдусаломзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. - № 4(54). – С. 128-133

4. Абдусаломзода, Д. Таҳқиқоти маркетингӣ дар шароити муосир: иқтидор ва дурнамо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д. Абдусаломзода, Н. Носирӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2025. - № 1/2 (134). – С. 500-505

5. Абдусаломзода, Д. Асосноккунӣ ва қабули қарорҳои маркетингӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон [Матн] / Д. Абдусаломзода // Идоракунии давлатӣ. – 2025. - № 2 (73). – С. 17-24

6. Абдусаломзода, Д. Основы возникновения понятия маркетинга и его развитие в Республике Таджикистан [Матн] / Б.Х. Каримов, Д. Абдусаломзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. - № 4. – С. 78-87

7. Абдусаломзода, Д. Вазъи низоми маркетинг дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон [Матн] / Д. Абдусаломзода // Кишоварз. – 2025. - № 3 (108). – С. 297-302

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шуданд:**

*Тақриз аз номи д.и.и., профессор, ректори ДДБ ба номи Н.Хисрав Қурбонзода М.Р. бо чунин эродҳо:*

1. Дар автореферат (саҳ. 34, ҷадвали 7) омилҳои монеашаванда, аз ҷумла ҳамоҳангсозии нокифоя бо мақомоти давлатӣ, зикр шудаанд. Аммо, таҳлили амиқи сабабҳои ин монеаҳо равшан нишон дода нашудааст.

2. Дар автореферат зикр шудааст, ки стратегияи пешниҳодшуда ба баланд шудани самаранокии маркетинг ва рақобатпазирӣ мусоидат мекунад. Вале, натиҷаҳо бо рақамҳо ва нишондиҳандаҳои дақиқи иқтисодӣ асоснок карда нашудаанд. Масалан, татбиқи тавсияҳои муаллиф то чӣ андоза метавонад ҳаҷми фурӯшро афзоиш диҳад ё хароҷоти маркетингиро кам кунад?

3. Муаллиф дар боби якум ва дар хулоса (банди 3) зикр мекунад, ки таҷрибаи хориҷиро омӯхта, имконияти мутобиқсозии онро ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ кардааст. Аммо, дар автореферат мисолҳои мушаххаси мутобиқсозӣ (масалан, кадом воситаҳо, кадом усулҳо ва ба кадом корхонаҳо) оварда нашудаанд.

*Тақриз аз номи мудири кафедраи назарияи иқтисоди ДДХ ба номи академик Б Ғафуров, д.и.и., профессор Алиджонов Д. А. бо чунин эродҳо:*

1. Дар автореферат оварда шудааст, ки муаллиф пурсишҳои коршиносонро байни роҳбарон ва мутахассисони корхонаҳо гузаронидааст. Аммо, натиҷаҳои

ин пурсишҳо ба таври миқдорӣ ва дар шакли диаграммаҳо ё ҷадвалҳои таҳлилӣ пурра инъикос наёфтаанд.

2. Стратегияи маркетинги рақамӣ, ки дар саҳифаи 32-33 пешниҳод шудааст, хеле муфид аст, аммо он танҳо ба воситаҳои умумӣ (Excel, CRM, Google Forms ва ғ.) ишорат мекунад. Дар шароити муосир, технологияҳои навтарин, аз қабили истифодаи зеҳни сунъӣ (AI) барои таҳлили рафтори муштариён, автоматикунонии маркетинг ва дигар воситаҳо низ мав-ҷуданд. Муаллиф метавонист имконияти истифодаи ин технологияҳоро низ дар корхонаҳои пешрафтаи вилояти Хатлон баррасӣ кунад.

*Тақриз аз номи н.и.и., мудири кафедраи "Маркетинг ва агробизнес"-и ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, дотсент Ғуломов Х.Ҳ. бо чунин эродҳо:*

1. Дар автореферат ба баҳодиҳии миқдории самаранокии тадбирҳои пешниҳодшуда оид ба такмили фаъолияти маркетингии корхонаҳо диққати кофӣ дода нашудааст. Пешниҳод кардани нишондиҳандаҳои дақиқи иқтисодӣ, аз қабили афзоиши ҳаҷми фурӯш, камшавии харочот ё афзоиши ҳиссаи бозор, метавонист самаранокии амалии тавсияҳоро равшантар нишон диҳад.

2. Тавсияҳои пешниҳодшуда оид ба рақамикунонии маркетинг (саҳ. 32-33) хосияти умумӣ доранд, ки таваҷҷуҳи амалии онҳоро то андозае коҳиш медиҳад. Мушаххас намудани он ки маҳз кадом платформаҳо ва нормафзорҳо барои корхонаҳои гуногуни саноатӣ (хӯрокворӣ, сабук, кимиё) бештар мувофиқанд, метавонист ба беҳбуди кори амалӣ мусоидат намояд.

*Тақриз аз номи д.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ таҳлил ва аудити ДДОТ ба номи С. Айнӣ Зиёзода Бунёд бо чунин эродҳо:*

1. Ба андешаи муаллиф баъзе омилҳоро метавон мушоҳида кард, ки мунтазам ба рушди маркетинг дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон таъсири манфӣ мерасонанд ва дар натиҷа умуман корхонаҳои саноати дар тамоми вилояти Хатлон зарар мебинад (ҷадвали 7). Дар автореферат нуктаи назари муаллиф асоснок карда нашудааст

2. Дар автореферат қайд шудааст, ки пеш аз ҳама, рушди маркетингро дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон таҳлил кардан зарур аст, зеро ба назари мо, ин самти муҳимтарин ба шумор меравад. Бале хеле фикри хуб, аммо мушкилоту масоили соҳаи мазкур мавриди таҳлили пурра қарор дода нашудааст.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе норасогиву камбудиҳои автореферати диссертатсия муҳимияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

➢ **коркард карда шудааст:** маҷмӯи назариявию методологии ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳои саноатӣ бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодиёти минтақавӣ ва шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ баррасӣ ва аниқ карда шуда, мафҳум, маъно ва моҳияти маркетинг дар корхонаҳо, нақши он

дар рушди хоҷагии халқи минтақа ҳамчун фаъолияти самаранок мушаххас карда шудааст;

➢ **пешниҳод шудааст:** асосҳои илмии мукаммалгардонии фаъолияти маркетингӣ дар корхонаҳои саноатӣ, омилҳои ба он таъсиррасонанда дар шароити иқтисоди бозорӣ, тамсилаи такмилёфтаи идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот ва самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ равона гардидааст;

➢ **асоснок гардидаанд:** самтҳои асосии рушди маркетинг дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар, истифодаи технологияҳои муосир ва мутобиқшавии корхонаҳо ба талаботи бозор, тадбирҳо барои такмили усулҳои фаъолияти маркетингӣ дар корхонаҳои саноатии минтақа.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур:**

➢ **баррасӣ гардидааст:** моҳият, принсипҳо ва хусусиятҳои ташаккули маркетинг дар корхонаҳои саноатӣ, инчунин такмили заминаҳои назариявии рушди маркетинг дар шароити иқтисоди миллӣ;

➢ **истифода шудаанд:** усулҳои муосири таҳлили иқтисодӣ, моделсозии маркетингӣ, таҳлили оморӣ ва таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи маркетинг ва идоракунии бозорӣ.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:**

➢ **муайян карда шудааст, ки** татбиқи механизмҳои муосири маркетингӣ дар фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ба афзоиши ҳаҷми фурӯш, беҳтар гардидани сифати маҳсулот ва баланд шудани рақобатпазирии онҳо мусоидат менамояд;

➢ **пешниҳод карда шудааст:** маҷмӯи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили сиёсати маркетингӣ, рушди инфрасохтори бозорӣ, истифодаи воситаҳои рақамии маркетинг, ки ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳо мусоидат мекунанд;

➢ натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди саноат, сиёсати маркетингии корхонаҳо ва фаъолияти мақомоти давлатӣ дар соҳаи иқтисодиёт истифода шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

➢ **назарияи таҳқиқот** ба дастовардҳои муосири илмҳои иқтисодӣ, махсусан маркетинг ва идоракунии корхонаҳо такя намуда, бо таҳлилҳои илмӣ асоснок карда шудааст;

➢ **ғояи таҳқиқот** ба зарурати такмили фаъолияти маркетингӣ дар корхонаҳои саноатии кишвар ва мутобиқ намудани онҳо ба шароити рақобати бозорӣ нигаронида шудааст;

➢ **аслият ва навгониҳои натиҷаҳои таҳқиқот** дар таҳияи механизмҳои нав ва такмилёфтаи идоракунии маркетинг, ки хусусиятҳои минтақавӣ ва соҳавиро ба инобат мегиранд, ифода меёбанд;

➢ **коркарди натиҷаҳо** бо истифода аз маълумоти оморӣ, таҳлилҳои иқтисодӣ ва маводи амалӣ тасдиқ гардида, эътимоднокии илмии онҳо таъмин карда шудааст.

Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

- тамоми зинаҳои таҳқиқот ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузоштаишудаи таҳқиқот, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузоштаишуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудаанд;

- татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба такмилдиҳии назария ва амалияи рушди фаъолияти корхонаҳо дар доираи фаъолияти маркетингӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад (маълумотномаҳо дар бораи татбиқ аз ҶСК “Азот” аз 14.05.2025, ҶДММ “Оила” аз 13.05.2025);

- тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асоснокшуда дар ҷараёни таҳияи матни лексияҳо, маводҳои ёрирасонии таълимӣ бо мақсади тайёр намудани мутахассисони соҳаи маркетингу иқтисодиёт истифода шуда истодаанд (маълумотнома дар бораи татбиқ аз Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, №25 аз 07.05.2025);

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 16 кори илмӣ, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, ки тӯли солҳои 2017-2025 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза гардидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 09 апрели соли 2026 қарори сазовор донистани давлатии Абдусаломзода ба дараҷаи илмии доктори фалсафа аз рӯи ихтисос (доктори PhD) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 12 нафар иштирок доштанд (аз ҷумла, 1 нафар – тариқи маҷозӣ), аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 3 нафар. Овоз доданд: тарафдор – 12 нафар, муқобил - нест, бюллетени беэътибор - нест.

**Раиси шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Шарофзода Ф.Р.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент** **Исмоилов А.А.**